05/01/2016 - Шумораи: 6



Пойгоҳи иттилоърасонӣ дафтари ҳифз ва нашри осори Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло


بسم الله الرحمن الرحیم

Мавзӯъи нукта:

Ҳақиқат дар муҳосира...

Нависандаи нукта:

Дуктур Зокир Маъруф

Таваҷҷуҳ: **Дидгоҳи дарҷ шуда дидгоҳи ирсолии яке аз корбарон аст ва лузуман дидгоҳи ин дафтар маҳсуб намешавад.**

بسم الله الرحمن الرحيم



Ҳақиқат дар муҳосира...

Аз як тараф шиъаёни ғолӣ ва мунҳариф! Аз як тараф сунниҳои носибӣ ва мутаъассиб! Аз як тараф басейҷиҳои дуоташа ва нодон! Аз як тараф чапиҳои сикулор ва бебовар! Аз як тараф қуръониҳои мунофиқ ва муртад! Аз як тараф муддаъиёни дурӯғин ва шайёд! Ҳама ва ҳама даст ба дасти ҳам додаанд то ин олими озода ва мазлумро аз миён бардоранд! Дар ҳоле ки ин олими озода ва мазлум ҳазрати аллома Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъолло, дар пртуви ақлонияти Исломӣ ва бо такя бар китоби Худо ва суннати мутавотири Паёмбараш ҳаракат мекунад ва таслими фишорҳо, тавҳинҳо, тӯҳматҳо ва шароратҳо намешавад ва барои хуш омадан ё бад омадани касе ҳаққеро зери по намегузорад ё бо ботиле созиш намекунад! Ба ростӣ касоне ки нисбат ба ин бузургвор буғз, кина, нафрат ва иънод доранд, оё аз худ намепурсанд ки чи гуноҳе аз ӯ сар задааст?! Оё гуноҳи ӯ сар фуруд наёвардан дар баробари тоғутҳо ва даъват ба сӯӣ ҳукумати Аллоҳ аст?! Оё гуноҳи ӯ даъват ба сӯӣ ҳукумати Маҳдӣ, ба ҷои вилояти мутлақаи фақиҳ ва

хилофати Абубарк Бағдодӣ ва демокросии ғарбӣ ва ҳампаймонони Рус ва Амрикост?! Оё гуноҳи ӯ таъкид бар зарурати таҳсили яқин дар ақойид ва аҳком, ба ҷои пайравӣ аз зунун, авҳом ва хурофот аст ё таъкид бар зарурати таҳқиқ ба ҷои тақлиди кӯр кӯрона аст?! Агар гуноҳи ӯ инҳост, бегумон ӯ аз инҳо даст бар намедорад, агар чи шиъаёни ғолӣ ва мунҳариф, сунниҳои носибӣ ва мутаъассиб, басейҷиҳои дуоташа ва нодон, чапиҳои секулор ва бебовар, қуръониҳои мунофиқ ва муртад, муддаъиёни дурӯғину шайёд ва дигарону дигарон, аз ҳар тараф ба ӯ фишор биёваранд ва тавҳин кунанд ва тӯҳмат бизананд ва озор бирасонанд; Зеро ӯ касе нест ки дар асари фишорҳо, тавҳинҳо, тӯҳматҳо ва озорҳои онон, ба Ислом пушт кунад ва тобеъи аҳвоъи онон шавад. Ман ӯро мешиносам ва солҳо дар маҳзари ӯ шогирдӣ кардаам. Аз ӯ шунидам ки дар васфи мароми хеш мефармояд:

> <<Ман аз мардуме ҳастам ки сарзаниш бадандешӣ онҳоро аз роҳи Худо боз надорад ва аз маломати маломатгаре намеҳаросанд; Гуфторашон гуфтори ростон ва кирдорашон кирдори дурустон аст; Онон ки то ҳастанд раҳнамои гумгаштагонанд ва дар зинда кардани китоби Худованд ва суннати Паёмбараш мекӯшанд; На такаббур меварзанд ва на бартарӣ меҷӯянд; На зиёдат мехоҳанд ва на ба хиёнат мепардозанд; На ҳақро вомегузоранд ва на ба ботил мегароянд; Онон ки ҳеҷгоҳ хотир ба палидӣ намеолоянд; На чарбзабонии чоплус ононро мефиребад ва на буридани мардум ононро метарсонад; Дилҳошон пайваста дар маҳалли олӣ ба парвоз аст ва лабҳошон ҳамвора ба қавли аҳсан боз>>!

Ин хислати марде аст ки парчами Қуръон ва суннатро бар дӯши ақл ниҳода ва ба ҷанги ҷаҳл, тақлид, аҳвоъи нафсонӣ, дунёгароӣ, таъассуб, такаббур ва хурофот бархостааст, то бидуни ҳеҷ иддаъо ва чашмдоште, заминаро барои зуҳури Маҳдӣ ва таҳаққуқи ҳокимияти Аллоҳ бар ҷаҳон фароҳам созад. Бо ин васф, касоне ки бо ӯ бидуни ҳеҷ узри муваҷҷаҳ ва далили қонеъ кунандае адоват меварзанд, бояд худро барои муъохизаи Худованд ва уқубати Ӯ дар

дунё ва охират муҳайё созанд; Чароки бидуни шак аз маҳкамаи адли Ӯ раҳоӣ нахоҳанд ёфт ва ба зудӣ товони зулми худро хоҳанд пардохт; Чунонки фармудааст: ﴿وَسَيَعْلَمُ الَّذِينَ ظَلَمُوا أَيَّ مُنْقَلَبٍ يَنْقَلِبُونَ﴾!

